# ТАҚРИЗИ МУҚАРИЗИ РАСМӢ

**ба диссертатсияи Раҳмонов Самандар Давлаталиевич дар мавзуи «Таҳлили муқоисавии ақидаҳои иҷтимоӣ-фалсафии Аҳмади Дониш ва ҷадидия оид ба ислоҳот дар аморати Бухоро» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03 –Таърихи фалсафа (илмҳои фалсафӣ), ш.,Душанбе, 2025 с.**

**1. Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуъ ва муҳтавои диссертатсияи Раҳмонов Самандар Давлаталиевич дар мавзуи «Таҳлили муқоисавии ақидаҳои иҷтимоӣ-фалсафии Аҳмади Дониш ва ҷадидия оид ба ислоҳот дар аморати Бухоро» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03 – Таърихи фалсафа ба шиносномаи ихтисоси илмии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат менамояд.

**2. Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Яке аз масъалаҳои мубрами таърихи фалсафаи тоҷик ин ақидаҳои иҷтимоӣ-фалсафии Аҳмади Дониш ва ҷадидия оид ба ислоҳот дар аморати Бухоро буда, диссертант онро аз нигоҳи илмӣ ба риштаи таҳлил кашидааст. Дар мубрамияти мавзуи интихобкардаи худ диссертант вазъи ба ислоҳот ниёздоштаи аморати Бухороро дар асри Х1Х ва дар ҳоли инқироз қарор доштани низоми ҳукуматдорӣ аз омилҳои пайдоиш ва паҳншавии ақидаҳои маорифпарварӣ ва ислоҳотхоҳӣ дар ҷомеаи онвақтаро таҳлил намудааст. Дар мубрамият оид ба масъалаи дунявият аз андешаҳои маорифпарварон самаранок истифода бурда, фикрҳои пешқадами ҳар як мутафаккиро барои ҷомеаи муосири тоҷик муфид ва саривақтӣ нишон додааст.

Унвонҷӯ қайд мекунад, ки яке аз ин омилҳо зери тозиёнаи танқид қарор гирифтани тадрис дар мактабу мадрасаҳо аз ҷониби мутафаккир мебошад, аммо ин омил имкон намедиҳад, ки мутафаккири маорифпарвар Аҳмади Дониш баробар ба ҷадидон муаррифӣ шавад. Ин вобаста ба он аст, ки Аҳмади Дониш дар воқеъ донишманди ратсионалист бо тафаккури дунявӣ тавонист, ки дар соҳаи илмҳои фалсафӣ ва табиатшиносӣ шуҳрати ҷаҳонӣ касб намояд.

**3. Дараҷаи навгонии натиҷаҳо.** Дар банди навгониҳо муҳаққиқ қайд мекунад, ки аввалин бор дар илми ватанӣ масъалаи ислоҳоти сиёсӣ-иҷтимоии аморати Бухоро аз нигоҳи Аҳмади Дониш ва намояндагони ҷадидия бо истифода аз методи муқоисавӣ таҳлилу таҳқиқ гардидааст. Навгониҳои мазкурро диссертант ба таври зайл нишон додааст:

- осори Аҳмади Донишро аз нигоҳи методологӣ дар замони шуравӣ ва даврони муосир ба таври муқоисавӣ тавсиф намуда, дар асоси далелҳои илмӣ ба фарҳанги бегона нагаравидани мутафаккиро исбот кардааст;

- хусусиятҳои ҳаракати маорифпарварӣ дар аморати Бухоро таҳти таъсири маорифпарварии Ғарб, хусусан Русия, ҳаёти халқҳои Русия – русҳо ва тоторҳо, инчунин пантуркизм мушахас карда шудааст;

- омилҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии ҷомеаи даврони Аҳмади Донишро аз рушду тараққӣ мондан дар муҳити иртиҷоии давраи ҳукмронии сулолаи Манғитияро мушахас намудааст;

- умумият ва фарқиятҳои дидгоҳи маорифпарварона ва ислоҳотхоҳонаи Аҳмади Дониш дар муқоиса бо дигар маорифпарварони асри XIX муайян карда шуда, дар ин раванд ба принсипҳои дунявият, илмҳои табиатшиносӣ ва иҷтимоӣ-фалсафӣ такя кардани ӯ бо мисолҳои мушаххас нишон дода шудааст;

- омилҳои ниёз доштани ислоҳоти сиёсӣ-иҷтимоӣ дар аморати Бухороро аз нигоҳи Аҳмади Дониш нишон дода, инчунин мушкилоти иқтисодии кишварро бештар дар хурофот дида, дар қиёс ба мутафаккирони муосир бо далелҳо нишон додааст.

**4. Асоснокӣ ва хулосаву эътимоднокии тавсияҳо**

Муҳаққиқ ҳангоми таҳияи рисолаи диссертатсионӣ ба сарчашмаҳои илмӣ ва пажӯҳишҳои дигар олимон, ки марбут ба мавзуи таҳқиқот мебошанд, махсусан ба мавод ва сарчашмаҳо бо забонҳои тоҷикӣ, форсӣ, русӣ, англисӣ ва дигар забонҳо мурочиат намуда, мавзуъро мувофиқи методологияи илмӣ мавриди баррасӣ қарор додааст. Хулоса ва пешниҳодҳои дар охири ҳар як зербобу боб, инчунин дар охири рисола овардашуда, мазмуни кори илмиро инъикос намуда, аз ҷиҳати илмӣ хусусияти нававарона доранд.

**5. Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, аз ду боб ва 6 зербоб, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат аст. Ҳаҷми умумии кор 180 саҳифа мебошад.

Дар муқаддима аҳамияти мавзуи таҳқиқ асоснок шуда, ҳадафу вазифаҳо, объекту предмети таҳқиқ, навгониҳои илмӣ, аҳамияти амалии натиҷаҳои бадастовардашуда муайян шудаанд.

**Дар боби якуми диссертатсия "Осори Аҳмади Дониш ва вазъи сиёсӣ-иҷтимоии даврони ӯ"** унвонҷӯ масъаларо мавриди омӯзиш қарор дода, онро ба 3 зербоб ҷудо кардааст. Дар зербоби якум унвонҷӯ мухтасари тарҷумаи ҳоли мутафаккири бузурги маорифпарвари тоҷикро зикр карда, доир ба осори ӯ ва методлогияҳои омӯзиши он дар замони шуравӣ ва муосир маълумот додааст. Унвонҷӯ аз асарҳои илмии ин мутафаккир фаровон истифода карда, дараҷаи ҷаҳонбинии ӯро аз рӯйи сафарҳояш ба кишварҳои хориҷӣ муайян кардааст. Ҳамчунин андешаҳои ислоҳотхоҳонаи Донишро дар аморати Бухоро доир ба вазъи сиёсӣ-иҷтимоии ҷомеа аз нигоҳи илмӣ таҳлил ва баҳогузорӣ намудааст.

Унвонҷӯ дар диссертатсия асарҳои Аҳмади Донишро ҳамчун сарчашмаи илмӣ ба кор бурда, оид ба вазъи сиёсӣ-иҷтимоии аморати Бухоро маълумотҳои воқеъбинона овардааст. Чунки мутафаккир шоҳиди бевоситаи ҳаёти воқеъиро дар асарҳояш бо далелҳо

нишондодааст, ки якчанд асарҳои он дар кори илмӣ овардашудааст. Аз ҷумла, «Наводир-ул-вақоеъ», «Рисола дар назми тамаддун ва таовун», «Манозир-ул-кавокиб», «Рисола фӣ аъмоли-л-кура», «Таъодули хамсаи мутаҳаййира», «Меъёр-ут-тадайюн», «Рисола ё мухтасаре аз таърихи салтанати хонадони Манғития» тавсиф шудааст. Унвонҷӯ таълимот Аҳмади Донишро дар замони шуравӣ ба унвони «фалсафаи иҷтимоии маорифпарварӣ» нишон медиҳад. Ӯ таъкид менамояд, ки ин мутафаккир бо афкори созандаи хеш дар замони шуравӣ низ мақоми илмии худро пайдо карда, ҳамчун маорифпарвар андешаҳояш то замони муосир интиқол гардидааст ва насли имрӯза аз осори ин андешманд самаранок истифода бурда истодааст.

**Дар зербоби дуюми диссертатсия** унвонҷӯ **"Ҳаракати маорифпарварӣ ва хусусиятҳои он дар аморати Бухоро"**-ро мавриди омӯзиш қарор дода, иброз медорад, ки "маорифпарварӣ" заминаҳои асосии пайдоиши худро дар кишварҳои аврупоӣ пайдо карда, сипас ба кишварҳои дигар интиқол мeёбад, ки таъсири он бахусус дар аморати Бухоро бенатиҷа набудааст. Мақсади маорифпарваронро унвонҷӯ дуруст қайд мекунад, ки воқеан ҳам онҳо аз андешаҳои ақлонӣ-ратсионалӣ, илм ва техника самаранок истифода карда, ба дастовардҳои нави илмӣ ва кашфиётҳои бузурги ҷаҳонӣ ноил гардиданд. Мутафаккирон бо роҳи дониш ва тафаккури илмӣ роҳи ҷаҳолатро пешгирӣ карда, барои ноил шудан ба мақсадҳои худ тибқи метололгияи нави илмӣ модели муосири сайёраро кашф карданд, ки ин дар роҳи илм аз ҳама комёбии назарас ба ҳисоб меравад.

Унвонҷӯ қайд мекунад, ки таҳти таъсири маорифпарварии Аврупо дар кишварҳои Шарқ низ дар асри XIX ин ҳаракат паҳн гардид, ки хусусиятҳои худро дошта, бо мушкилоти навсозӣ ва ҳифзи анъанаҳои фарҳангии худ рӯ ба рӯ шуд. Унвонҷӯ дар рафти навиштани кори илмии худ аз осори мутафаккирони Шарқи исломӣ самаранок истифода бурда, маорифпарвариро асосан ба номҳои Сайид Ҷамолиддин Афғонӣ, Муҳаммад Абду ва Муҳаммад Иқболи Лоҳурӣ рабт медиҳад.

Муҳаққиқ дар диссертатсия рушди маорифпарвариро пеш аз ҳама дар нашр гардидани рӯзномаҳо ва маҷаллаҳои миллии тоҷик мебинад, ки ҳамчун заминаи мусоид барои эҳёи арзишҳои миллӣ ва худшиносӣ қаламдод мешаванд. Ӯ қайд менамояд, ки китобҳои ба забони тоҷикӣ нашргардида, ба пешрафти фарҳанг ва адабиёти миллӣ, инчунин ба афзоиши таваҷҷуҳ ба омӯзиши таърих, забон ва фалсафаи худ мусоидат мекунанд.

Диссертант қайд мекунад, ки дар паҳн кардани андешаҳои ғоявии маорифпарварона Аҳмади Дониш, Шариф Махдуми Муътасим, Исо Махдум, Шамсиддини Шоҳин, Абдулмаҷиди Зуфунун, Абдулқодирхоҷаи Савдо, Мирзо Ҳаити Саҳбо, Мирзо Азими Сомӣ, Мирзо Сироҷ, Саид Аҳмад Сиддиқӣ, Тошхоҷаи Асирӣ, С. Айнӣ ва дигарон саҳми арзанда гузоштанд.

Муҳаққиқ менависад, ки маорифпарварӣ дар Осиёи Миёна хусусиятҳои худро дошта, он зиддифеодалӣ, зиддимустамликавӣ буд ва идеологияи ҳаракати озодихоҳии миллиро низ ифода мекард, ҳамчунин низоми идоракунии амирони манғитияи Бухороро мавриди танқиди шадид қарор дода, дар баробари ин, ба тавсияву пешниҳодҳои муҳимислоҳи тамоми сохторҳои ҷиёсии ҷомеаро пеш мегузорад. Мақсади маорифпарварон он буд, ки ҳарчи зудтар бесаводӣ барҳам дода шуда, рушди илму техника таъмин карда шавад.

**Унвонҷӯ дар зербоби сеюм оид ба давраи ҳукмронии сулолаи Манғития ва омилҳои боздошти ҷомеаи даврони Аҳмади Дониш** аз рушду тараққиро бо далелҳои таърихӣ таъкид намуда, сабабаби ба пешрафту муваффақият ноил нагардани ҷомеаи аморати Бухороро дар таваҷҷуҳ накардан ба илму фарҳанг ва ба кашфиётҳо нишон додааст.

Диссертант дуруст қайд мекунад, ки вазъи сиёсии аморати Бухоро дар охири асри XIX хеле мураккаб ва мухолифатнок буд. Аморат дар чорсӯ қарор дошт, ки инҳо мушкилоти навсозӣ ва фишори берунии империяи Русия аз як тараф, куҳнапарастию динзадагии дохилӣ аз дигар тараф буданд. Ин вазъи мураккаби сиёсӣ барои дигаргуниҳои сиёсӣ дар аморат замина гузошта, ҳамчун омили пайдоиши ҳаракати маорифпарварӣ ва ба вуҷуд омадани таълимоти иҷтимоӣ-фалсафӣ ва ислоҳотхоҳии миллии мутафаккироне чун Аҳмади Дониш хизмат намуд.

Ҳақ ба ҷониби он аст, ки амирони манғити Бухоро ба рушди илму фарҳанг таваҷҷуҳ надоштанд ва зиёда аз ин, онҳо аз анъанаҳои қадимии ин шаҳр дар баъзе самтҳо, аз ҷумла, дар меъморӣ рӯ гардонида, бунёди қасру иморатҳоро ба дӯши худи аҳолӣ гузошта буданд. Дар соҳаи таълиму тарбия низ амирони манғитӣ саҳме нагузошта, ҳатто ба кушодани мактабҳои нав мамониат нишон медоданд. Муайянсозии муҳтавои барномаҳои таълимӣ пурра ба дӯши руҳониёни мутаассиб вогузор карда шуда буд, ки комилан динӣ буда, монеаи рушд мешуд.

**Дар боби дуюми диссертатсия унвонҷӯ афкори маорифпарваронаи** Аҳмади Дониш оид ба масъалаи ислоҳоти сиёсӣ-иҷтимоии аморати Бухороро дар муқоиса бо ҷадидия мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор медиҳад ва онро ба се зербоб ҷудо кардааст.

**Дар зербоби якуми диссертатсия "Дидгоҳи маорифпарварона ва ислоҳотхоҳонаи Аҳмади Дониш дар муқоиса бо дигар маорифпарварони асри XIX"**-ро бо далелҳои нави илмӣ муқоиса намуда, муҳаққиқ иброз медорад, ки Аҳмади Дониш дар осораш масъалахои дунявиро бештар омӯхта, таҳлили мантиқиро ба роҳ монда, ақлро дар ҷои аввал мегузорад. Мутафаккир илмҳои табиатшиносиро бештар дар осораш талқин намудааст. Унвонҷӯ дар диссертатсия аз асари "Манозир-ул-кавокиб" васеъ истифода бурда, оид ба ин мавзуъ далелҳои воқеиро нишон медиҳад.

Унвонҷӯ иброз медорад, ки Аҳмади Дониш бесаводӣ ва хурофотро танқид карда, саволҳои сирф фалсафиро ба миён мегузорад, ки дар

доираи равшанфикрони Осиёи Миёна масъалаи асосӣ буд. Азбаски Аҳмади Дониш ақлгаро буд, бинобар ин, маъсалаи тақдиргароиро танқид кардааст. Бузургии Аҳмади Донишро диссертант дар он собит сохтааст, ки воқеъан ин мутафаккир ба фарҳанги бегона рӯй наовардааст. Дар ҳаққиқат Аҳмади Дониш ҳамчун маорифпарвар қувваи асосии ҳаракатдиҳандаи тараққиёти мамлакатро дар маърифатнокии халқ медид. Ӯ камбудию норасоиҳои ҷомеаро дар тарзу усулҳои нодурусти низоми кишвардорӣ ва сохтори давлатӣ, дар вижагиҳои схоластикию ирфонии таълиму тадрис дар мадрасаҳову мактабҳои шаҳри Бухоро дида, роҳҳои нави раҳбарии оммаро пешниҳод кард, ки бо дигаргунсозии куллӣ дар ҷамъият алоқаманд аст. Аз ин рӯ, ба ақидаи мутафаккир, сабаби ба вуқуъ пайвастани нобасомониҳо дар аморати Бухоро «беилмӣ» мебошад. Маҳз бо ҳамин сабаб фарқияти таълимоти Аҳмади Дониш аз мутафаккирони дигари онвақтаи тоҷик таваҷҷуҳи бештари ӯ ба масъалаҳои дунявӣ ва илмҳои табиатшиносӣ маҳсуб мешавад.

**Дар зербоби дуюми боби дуюми диссертатсия унвонҷӯ “Масъалаҳои сиёсӣ-иҷтимоии аморати Бухоро дар афкори Аҳмади Дониш”**-ро мавриди таҳқиқ қарор дода, ба натиҷаҳои назарас ноил гардидааст. Унвонҷӯ дуруст қайд мекунад, ки нисбат ба дигар маорифпарварон ақидаҳои иҷтимоии Аҳмади Дониш воқеӣ, асоснок ва дунявию ратсионалӣ буда, тамоми масъалаҳои иҷтимоӣ-фарҳангии ҷомеаро фаро гирифтаанд. Ақидаҳои ин мутафаккир дар заминаи арзишҳои фарҳангӣ ва фалсафӣ ташаккул ёфта, онро ба дараҷаи асосгузори маорифпаварӣ дар асри XIX баровараданд ва андешаҳои тозаи он то замони мо омада расидааст. Муҳаққиқ иброз медорад, ки дар маҷмуъ, Аҳмади Дониш дар баёни андеша озод буда, дар осори ӯ ҳеҷ гуна вобастагии фикрӣ аз ғайр мушоҳида намешавад.

**Дар зербоби сеюми диссертатсия унвонҷӯ “Бартарии ақидаҳои Аҳмади Дониш аз таълимоти ҷадидия оид ба ислоҳоти сиёсӣ-иҷтимоӣ”**-ро мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор дода таъкид мекунад, ки ҷадидон ҳамчун навоварону ҷонибдорони усули нави таълим дар мактабҳо муаррифӣ мешаванд.

Муҳаққиқ иброз медорад, ки Аҳмади Дониш аввал илмро муҳим дониста бошад, пайравони ҷадиди ӯ динро аз ҳама муқаддам гузоштаанд. Дар даҳсолаҳои аввали садаи XX фақат ҷавонбухороиён, ки нусхаи ҷавонтуркон буданд, ҳадаф аз мавҷудияти хешро дар ин медиданд, ки аморати Бухоро дар ихтиёри Русия намонда, ҷузъе аз хилофати туркони пойбанд ба қудрати britониёӣ бошад. Дар маҷмуъ, дар илми муосир Аҳмади Дониш дар васати ду навъи ҷаҳонбинӣ муаррифӣ мешавад, ки яке маорифпарварист ва дигаре ҷадидия. Аммо воқеият ин аст, ки мутафаккир чун ҷадидон ё ҷавонбухороиён набуд ва дастпарвардаи мактабҳои таҳмилии хориҷ аз қаламрави аморати Бухоро намебошад.

Нигоҳи таърихӣ ба воқеият ва зуҳури аломатҳои муайяни таърихии тафаккури дунявӣ ҳамзамон бо динамикаи инкишофи маърифат ба амал омадаанд. Воқеан, даъват ба маорифу фарҳанг ва муқовимат ба урфу одатҳои куҳна дар ин давра дар Осиёи Миёна шакли махсус пайдо кард.

Асоси андешаронии Аҳмади Дониш тафаккури миллӣ мебошад, аммо ҷадидон афзал донистани тафаккури диниро бар тафаккури миллӣ на танҳо дар гуфтор, балки дар амал ҳангоми тақсимоти милливу марзии соли 1924 тасдиқ намуданд. Аммо Аҳмади Дониш дастпарвардаи мактабҳои таҳмилии хориҷ аз қаламрави аморати Бухоро набуда, афкори ӯ оид ба ислоҳоти сиёсӣ-иҷтимоӣ бо решаҳои аслии миллии худ аз ақидаҳои ҷадидия бартарият доранд. Аз ин рӯ, аз ҷониби баъзе муҳаққиқон дар баробари ҷадидия аз ислоҳотхоҳони динӣ шумурдани таълимоти маорифпарварона ва ислоҳотхоҳонаи Аҳмади Дониш ягон асоси илмӣ надорад.

**6. Нашри натиҷаҳои таҳқиқот** аз рӯйи мавзуи дисертатсия. Доир ба мавзуи диссертатсия 6 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумхурии Тоҷикистон интишор гардида, 4 маърузa дар конфронсҳои илмию амалӣ пешниҳод шудааст.

**7. Аҳамияти илмӣ, амалӣ ва иҷтимоии диссертатсия.** Натиҷаҳои илмии дар диссертатсия ба даст омада ба ақидаҳои фалсафӣ, иҷтимоӣ ва ислоҳотхоҳонаи Аҳмади Дониш ва ҷадидия равшанӣ андохта, дар оянда дар таҳқиқи осори ислоҳотхоҳонаи иҷтимоии дигар мутафаккирони асри XIX ва ибтидои асри XX метавонанд истифода шаванд. Маводи диссертатсияро метавон барои таҳияи барномаҳои таълимӣ, маводи лексионӣ ва семинарӣ аз фанҳои таърихи фалсафа, фалсафаи иҷтимоӣ ва курсҳои махсус истифода кард.

**8. Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия.** Диссертатсия ва автореферати он, ки аз диссертатсия бармеояд, ба талаботи Тартиб додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

**9. Камбудиҳо**. Бо вуҷуди баҳои мусбате, ки дар тақриз баён гардид, дар рисолаи мазкур баъзе камбудиҳо, ҳолатҳои баҳсталаб, ғалатҳои услубӣ, имлоию грамматикӣ ҷой доранд, ки дар байни онҳо ҳолатҳои зеринро метавон ҷудо намуд:

1. Дар диссертатсия муҳаққиқ ҷадидияро ҳамчун насли дуюми маорифпарварӣ нишон надодааст, муқоиса ва хулосаҳо ба назар умумӣ менамояд.

2. Дар боби якум, зербоби дуюм хулосаи диссертант кам ба назар мерасад.

3. Дар диссертатсия зербобҳое ҳастанд, ки 20 саҳифаро дар бар мегиранд ва баъзе зербобҳо то 30 саҳифаро. Микдори саҳифабандиҳо риоя нашудааст.

4. Аз файласуфони тоҷик, ки дар хусуси ҷадидия таҳқиқот анҷом додаанд. иқтибос ба назар намерасад.

5. Аз рӯзномаю маҷаллаҳои илмӣ дар диссертатсия ягон иқтибос дида намешавад, ба монанди «Бухорои шариф», «Маҷаллаи оина», «Овози тоҷик» ва ғ.

6. Дар диссертатсия иштибоҳоти услубию имлоӣ низ ҷой доранд.

Эродҳо ва камбудиҳои зикршуда, дар маҷмуъ, аҳаммияти назарию амалии диссертатсияи мазкурро коста намекунад ва ба муҳтавои кор таъсири манфии зиёд намерасонад.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Раҳмонов Самандар Давлаталиевич дар мавзуи **«Таҳлили муқоисавии ақидаҳои иҷтимоӣ-фалсафии Аҳмади Дониш ва ҷадидия оид ба ислоҳот дар аморати Бухоро»** аз рӯйи ихтисоси **09.00.03 – Таърихи фалсафа (илмҳои фалсафӣ)** пешниҳод гардидааст, дар сатҳи баланди илмӣ ба анҷом расида, ба талаботи бандҳои 31,33,34 ва 35-и "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ", ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистоназ 30.06.2021, №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илми фалсафа аз рӯйи ихтисоси номбаршуда мебошад.

**Муқарризи расмӣ:** доктори фалсафа (PhD),
доктор аз рӯйи ихтисоси
6D020102 –таърихи фалсафа,
омӯзгори кафедраи фалсафа ва
фарҳангшиносии Донишгоҳи давлатии
омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ Ҷураев К. Ҷ.

**Суроға:** 734003 Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино,
кӯчаи Гулшан, 112, хонаи 89
Тел.: (+992) 918.35.19.70
E-mail: komron90@mail.ru

Имзои Ҷураев К.Ҷ.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии омӯзгории
Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ А. Мустафозода

**Суроғаи муассиса:** Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734003, ш. Душанбе х. Рӯдакӣ 121
Тел.: (+992 37) 2248313
E-mail: info@tgpu.tj Сомона: www.tgpu.tj

«12» июни соли 2025